ХАЙРИДДИН ХАЙРАНДЕШ

# НАЙНОМА

Душанбе
«Адиб»
2019

ББК 84 Тоҷик 7-4

Муҳаррир *Сафар Амирхон*

**Хайриддин Хайрандеш. Найнома.**
– Душанбе, «Адиб», 2019, 128 саҳ.

«Найнома» бардоштҳои шоир аз сафараш ба кишвари Туркия буда, дар он табиати зебо, мавзеъҳои таърихӣ, муносибати неку самимӣ ва расму анъанаҳои миллии мардумонаш хеле равшану хотирмон тасвир гардидаанд. Сафари шоир ба ин кишвари зебоманзар аз 27-уми ноябр то 7-уми декабри соли 2018 идома дошт.

Боварӣ дорем, Шумо, хонандаи азиз, аз мутолиаи китоби тозаҷӯоди шоир барои худ таассуроти нек мебардоред.

© Нашриёти «Адиб», 2019

Муҳаррири ороиш *Ромиш Лоиқзода*
Муҳаррири саҳифабандӣ *Меҳрӣ Саидова*

Ба матбаа 20.01.2019 супурда шуд.
Чопаш 22.01.2019 ба имзо расид.
Ҷузъи чопӣ 6,0. Андозаи 60x84 $^{1}/_{16}$.
Адади нашр 500 нусха

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қаробоев 17а

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## ПАРВОЗ

***Эҳдо ба бародарам Аҳтами Абдулло***

Ман зиёрат меравам бори нахуст,
Эй азизон, бар мазори Мавлавӣ.
Нолаи най мерасад ҳар дам ба гӯш
Дар фазо аз «Маснавии маънавӣ».

Мепарад ором Сомон-Айри мо
Самти марзи Туркия чун шоҳбоз.
Ними мардум буд дар суҳбат ба ҳам,
Ними мардум буд андар хоби ноз.

Дӯстам Аҳтам, дар авҷи осмон
Ҳарду суҳбатҳои ширин доштем.
Ёд аз аъмоли хуби Пешво,
Ёд аз айёми пешин доштем.

Шукр мекардем аз сулҳу суббот,
Роз мегуфтем аз рушди Ватан.
Нақл мекардем аз Роғуну барқ,
Аз пайомадҳои халқи хештан.

Гоҳ аз варзиш, гаҳ аз фарҳангу илм,
Аз ҷавонони баномуси диёр.
Ҳам зи маҳфилҳои рангоранги хеш,
Аз фазилатҳои халқи тоҷдор.

То ҷавонон рушд ёбанду камол,
Маслиҳат кардем, ҳамкорӣ кунем.
Баъди баргаштан ба кишвар, дар амал
Нақшаҳои некро ҷорӣ кунем.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Лаҳза-лаҳза-лаҳза меафзуд беш
Нақшаҳои корҳои хайри мо.
Дар фазои бахт дар парвоз буд
Якмаром ором Сомон- Айри мо.

Дӯстам Аҳтам, ҳама осуда буд,
То сухан аз шеъру аз фарҳанг рафт.
Худ нафаҳмидем, чун беихтиёр
Риштаи суҳбат ба сӯи ҷанг рафт.

Суҳбат аз ноамнии Афғонзамин,
Толибу хунхорию ҷангу силоҳ.
Ёд кардем аз Ироқу Суриё,
Ёди Айлоне, ки буд ҳолаш табоҳ.

Ногаҳон тайёраи мо як такон
Хурду ноҳамвориаш ҳамвора шуд.
Чанд кӯдак ҳам фиғон бардоштанд,
Тарси мо афзун дар ин тайёра шуд.

Дар фарози ҳавзаи баҳри Хазар,
Дар фарози марзи Озарбойҷон.
Гирдбоди сахт дар берун будаст,
Эй Худо, аз ин бало моро раҳон!

Зикри Ҳақ буд ҳар замон андар дилам,
То раҳонад з-ин хатар тайёраро.
Мо раҳидем аз хатар, ё Раб, раҳон
Аз хатарҳои дигар сайёраро.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## ИСТАМБУЛ

Дар Истамбул ҳама
бо чеҳраҳои шод мегарданд,
Ҳама бо ифтихор
аз миллату авлод мегарданд.
Трамвайҳо ба релсу
киштиҳо дар об заб зебо,
Гаҳе орому гаҳ
бо суръати чун бод мегарданд.
Шаҳоматнок масҷидҳо
чи бисёранд дар ин шаҳр,
Азон дар гӯш ин мардум
Худоимдод мегарданд.
Аҷобат он бувад,
к-андар чунин як шаҳри пурэъҷоз
Сагону гурбаҳо
дар кӯчаҳо озод мегарданд.
Чи бисёранд сайёҳон
зи ҳар як кишвари дунё,
Аҷаб озод
дар Истамбули обод мегарданд.
Суханфаҳмон
агар оянд Истамбул, чу Хайрандеш
Зи пушти сайқали
эҷоду истеъдод мегарданд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## АЛБАТРОС

Дар канори баҳри Мармар,
Баъди роҳи утумубил,
Дар баландии баланде
Байни меҳмонхонаҳои бешумар
Ҳаст меҳмонхонае бо номи Албатрос
Меҳмонхонаи хос!
Ҳотели бисёр зебо,
Ҳотели бисёр ором.
Гар ғизо хурдан бихоҳӣ,
Мебарад лифташ туро болои бом!
Интизорат ҳаст ҳар навъе таом.
Шаҳр метобад аз ин ҷо,
Шаҳри чун афсонаи хушзебу фар.
Баҳр метобад аз ин ҷо,
Баҳри Мармар,
Киштиҳои ранг-ранги бешумар,
Иштиҳои том, додар!
Иштиҳои том!
Меҳрубон бар ҳамдигар
ин ҷо шиносу ношинос,
Чунки ин ҷо ҳаст
Албатрос!!!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ШАҲР ПУР ЗИ АЛБАТРОС

Ман зи боми Албатрос
Ҳар тараф назар кардам.
Шеъри сап-сафедашро
Хонда, тоҷи сар кардам.

Субҳ нашъае дорад,
Дил шавад пур аз шодӣ.
Чашм нур мегирад,
Чор ҷониб ободӣ.

Баҳр баҳраҳо бахшад,
Баҳр пур зи албатрос.
Шаҳр аз фараҳ лабрез,
Шаҳр пур зи албатрос.

Дар фазо парафшонанд
Ин парандаҳо афзун.
Ҳар замон садо бидҳанд,
Қалб мешавад мамнун.

Рӯи бомҳо онҳо
Села-села мегарданд.
Рашк мебарам испед,
Ҷонварони бедарданд.

Ҳар саҳар шавам аз хоб
Бо садояшон бедор.
Шаҳр пур аз овоз аст,
Шаҳру баҳр чун бозор.

Сап-сафеду нуронӣ,
Зард нули зебошон.
Фораму гуворо аст
Қағ-қиғу ғавғошон.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## АКРАМ

Рӯзҳои аввали омаданам
Корҳои мани раҳгумзада
дар Истамбул
Печдарпеч буду мубҳам буд.
Аввалин кас, ки маро
дӯст шуду даст гирифт,
Акрам буд.
Он тарабхона, ки буд
«Кӯчаи Султон» исмаш,
Кор мекард дар он Акрамҷон.
Маслиҳатхонаи ман гашт
дар ин чанд замон.
Гоҳ-гаҳ чоштхӯрӣ мерафтам,
То диҳад роҳ нишон,
Баҳравар то бишавам нек
аз ин шаҳри калон.
Туркӣ азбаски намедонистам,
Ҳарду бо русӣ сухан мегуфтем.
Ҳарду бо русӣ гуҳар месуфтем.
Ҳарду бастем ба ҳам
Ҳамчунон акаву додар паймон.
Ӯ буд аз шаҳри ба мо
ҳамшафати Хонобод,
Яъне, аз кишвари ҳамсоя,
зи Ӯзбекистон.
Кори ӯ буд агарчи бисёр,
Ҷӯр мегашт гаҳе суҳбати мо.
Ӯ ба ман гашт гаҳе роҳбалад,
Ӯ ба ман  гашт гаҳе роҳнамо.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Хушмуомилагию хушсуханӣ
ҳусни дигар
Зам ҳамекард ба ҳусни Акрам.
То ҷаҳон асту ман астам ба ҷаҳон,
Меҳри ӯ дар дили ман
ҳеҷ намегардад кам!
Оре!
Ман тоҷикам!
Оре!
Ӯ ӯзбек аст!
Оре!
Оқибати некӣ
нек аст!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ЛАЛЕЛИ

Лалели номи бозорест
андар шаҳри Истамбул,
На сар дорад, на бар дорад,
ҳама чизи ҷаҳон он ҷост.
Қатор андар қатор
афзун мағоза пур-пури ашё,
Ҳазору як дизайне
дар ҳазорон ошён он ҷост.

Зи шири мурғ  то тухми маҳӣ
он ҷо ту меёбӣ,
Асосан, лек савдо чор сӯ
савдои яклухт аст.
Лалели турфа бозорест,
дар ҳар гӯшаи дунё
Ҳазорон хонаҳоро
шамъи хушбахтӣ барафрухтаст.

Зи садҳо кишвари дунё
ба ин ҷо мол меояд,
Ба садҳо кишвари дунё
аз ин ҷо мол хоҳад рафт.
Саодат, сарфарозӣ,
олами иқбол меояд,
Саодат, сарфарозӣ
олами иқбол хоҳад рафт.

Фузун савдогарони
рӯйи дунёянд ғарқи кор,
Дар он ҷо авҷ дорад ҳар тараф
яклухтсавдоӣ.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Чунон бар ҳашт ҷониб
рафтуои одам афзун аст,
Намеафтад ба рӯи хок,
сӯзанро ту партоӣ.

Чи афзун ошхона,
рестаранҳо ҳам саф андар саф,
Чи бисёр аст меҳмонхонаҳо
дар ҳар қадам он ҷо.
«Буюк Пориж»
бувад ҳотели тоҷикҳо
ба Лалели,
Агар асъорат афзун аст,
гардӣ муҳтарам он ҷо.

Умарҷон аст
исми як ҷавони чобуки тоҷик,
Ба кору бори тоҷикҳо
ба ҳар ҷо тарҷумон гардад.

Лалели бори аввал
рафт агар савдогари тоҷик,
Умарҷонро наёбад,
ҳолу аҳволаш гарон гардад.

Ба халқи тоҷик он ҷо раҳбалад,
ҳам раҳнамо бошад,,
Шавӣ дар суҳбати аввал
ба феълу фазли ӯ шайдо.
Агар хоҳӣ нагардӣ
ҳар тараф беҳуда саргардон,
Дар Истамбул
зи Лалели Умарҷонро бикун пайдо.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ЧОЙХОНАИ ХОНАТЛАС

Дар бозори Лалели дарояд ҳар кас
Як лаҳза ба Чойхонаи Хонатлас.
Он ҷо бихӯрад қабурғаву оши палов,
Мантуву кабобу мурғбирён ба ҳавас.

Дорад ба ватан ҳазор пайвандиҳо,
Бахшад ба дилат нишоту хурсандиҳо.
Ин гӯшаҳаки растаи Истамбулро
Обод намуданд Самарқандиҳо.

То ман нашавам тамом бегонаи худ,
Паймон бандам ба ҷому паймонаи худ.
Он ҷо биравам, ҳаловатам афзояд,
Эҳсос кунам кайфияти хонаи худ.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## ҲАР САҲАР

Ин қадар киштӣ
ба рӯйи баҳри Мармар
ҳаст бисёр:
Сад!
Дусад!
Сесад!
Ҳазор!
Балки аз он ҳам бешумор!
Ҳар кадоме дилработар
дар хиром аз якдигар,
Бо ҳазору як дизайн
аз якдигар зебандатар.
Ранг-рангу сап-сафеду
каб-кабуду лоҷвард,
Рӯйи баҳр ором мегарданд
сабзу сурху зард.
Ҳар саҳар аз боми Албатрос
– ҳотели баланд
Ман тамошо мекунам
ин ҷилваҳои дилписанд!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## БАҲРИ МАРМАР

Дар канори баҳри Мармар
шаб қадамҳо мезанам,
Ҳар қадамро хома карда,
хат ба ғамҳо мезанам.
Қиву чув доранд
дар болои сар паррандагон,
Зери лаб оҳангҳо
дар зеру бамҳо мезанам.
Бас чароғонанд киштиҳо
ба ҳар ҷониб равон,
Сарҳисобамро намеёбам,
рақамҳо мезанам.
Моҳигирон саф зада бисёр
дар паҳлӯи ҳам,
Моҳии тиллоиям,
ҳарф аз карамҳо мезанам.
Ман магар дар олами
афсонаҳо афтодаам?
Муҳташамҳоро ҳашам
бар муҳташамҳо мезанам.
Як дам афкандам
тамоми мушкилотамро ба об,
Пушти по дар ҳар қадам
бар бешу камҳо мезанам.
Хайрандеш аз шумо дур аст,
эй мармардилон,
Дар канори баҳри Мармар
шаб қадамҳо мезанам.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## КИШТИСАВОРӢ

Бори аввал дар давоми зиндагӣ
Ман шудам дар киштӣ, эй ёрон, савор.
Соҳили Мармар бимонд андар қафо,
Мо равон гаштем сӯи Босфор.

Рӯи баҳр ором рафтан медиҳад
Лаззати дунё ба ҷисму ҷон фузун.
Қисмати ман кард акнун бедареғ
Бар мани дур аз диёр эҳсон фузун.

Киштӣ андар баҳр аҷаб дорад шино,
Пур зи сайёҳон ҳама се ошён.
Аз бару аз пешу аз паҳлӯи мо
Боз киштиҳои дигар ҳам равон.

Ҷумла сайёҳон хушу хурсанду шод,
Шодтар аммо дили ман аз ҳама.
Чор сӯ назора карда, аз фараҳ
Мекунам дар дил суруде  зам-зама.

Пушти киштӣ бо фиғону қиву чиғ
Мепаранд аз шодӣ албатросҳо.
Бо табассум бингарам бар Босфор,
Бовиқор истода чун матросҳо.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

# БОСФОР

Босфор!
Аз олами афсона ҳам зеботарӣ!
Босфор!
Аз дил ғами одам ба як дидан барӣ!
Босфор!
Эҷодкори ишқ!
Эъҷозофарӣ!
Босфор!
Оинаи сидқу сафо!
Эҳёгарӣ!

Пулҳоят ҳарду соҳилро
бупайвандад қатор,
Хоса, он эъҷози бемонанд:
– Пули Босфор!
Эътирофи оламиён гашта
ҳамчун шоҳкор.
Босфор!
Эй беҳтарин эъҷоз!
Илҳомоварӣ!

Рӯи Пули Босфор,
аз ҳар тараф гардад аён,
Меравад мошин қаторак
ҳамчунон дар осмон.

Зери Пули Босфор
озод киштиҳо равон,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Босфор!
Аз ҳарчи тавсифат кунам,
болотарӣ!

Киштиҳои пур зи сайёҳон
ба ҳар сӯ дар шитоб,
Моҳигирон шаст афканда
қаторак андар об,
Моҳихӯракҳо фаровонанд,
беҳадду ҳисоб.
Босфор!
Афсонаҳо афзун,
вале ту дигарӣ!

Ҳарду соҳил он қадар
дар чашм тобад дилрабо,
Боғҳову кушкҳову
хонаҳову қасрҳо,
Шаб ҳазорон бор
зебо гардиву роҳатфизо,
Босфор!
Ободию озодию нуру фарӣ!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## БОМНИШИНӢ

Ба ёдам ҳаст,
дар деҳа
Ба рӯйи бомҳо гоҳе
Гилему курпача, дасторхон
партофта бо завқ мехӯрдем
Палову чойу шӯрбо, шакаров
бо чақ-чақи ширини қаймоқӣ,
Чаро андар Душанбе  нест,
ё кам ҳаст ин фарҳанги қишлоқӣ?
Чаро дар Туркия
андар сари ҳар як қадам
дар кӯчаҳои сабзи Истамбул
Ҳама дар бомҳо биншаста
чақ-чақ мекунанду
мехуранду чой менӯшанд?!
Вале дар мо, дареғо,
расму ойинҳои бобоӣ фаромӯшанд.
Ба рӯйи бомҳо биншастан
ин ҷо расми зебоест,
Фарози бомҳои
дилкаши пасту баланд
афсонамаъвоест.
Ҳазору як дизайн
он бомҳоро медиҳанд оро,
Чи мафтун бомшинӣ мекунад
сайёҳҳои рӯи дунёро.
.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

# САНГЧИНӢ

Фақат аз як намуди санги оддӣ
сангчинӣ дар замин
ё дар намоди хонаҳо
садҳо ҳазорон санъате дорад,
Худоё, Туркия
бо сангҳо ҳам сарвате дорад.
Ба роҳи утумубилӣ, пиёдароҳҳо,
ҳатто ба бозору ба майдонҳо
Сафоли сангҳои
хурд-хурду реза-реза
ҳикмате дорад.
Чунон фарше
ба зери пост
густурда ба ҳар маъво,
Ки аз борону барфу
офтобу бод ӯро нест
дар садсолаҳо парво.
Қадамҳо
устувор ин ҷо шавад чун санг,
Азизон,
устуворӣ медиҳад
бар санг ҳам фарҳанг,
Фарҳанги баланди нанг!



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## ҶУВОРӢ

***Эҳдо ба бародарам Ҳоҷӣ Ҳотамшоҳ***

Ҷуворие, ки дар тафтон пазанд, он ҳаст
Намакширину хушмазза!
Ва ҳар як раҳгузар
az ин ҷуворӣ мехӯрад серӣ,
Аҷаб кайфияте дорад
ҷуворӣ хӯрдан ин лаҳза.
Ҷуворӣ мехарад кӯдак,
Ҷуворӣ мехарад наврас.
Ҷуворӣ мехарад
ҳар навҷавону духтари қадрас.
Ҷуворӣ мехарад немис,
Ҷуворӣ мехарад ҷопон.
Ҷуворӣ мехарад эрониву насрониву афғон.
Хитоӣ ҳам ҷуворӣ мехарад,
ҳар аврупоӣ ҳам,
Малайзӣ, африқоӣ, амрикоӣ ҳам.
Араб ҳам, рус ҳам,
ҳам ҳиндию ҳам аҳли Мозамбик,
Қазоқу туркман, узбеку ҳам тоҷик.
Хулоса, ҳар ки тахҷоист ё меҳмон,
Ҷуворӣ мехарад,
ҳам нисбатан арзон
Ва ҳам вақти гаронарзиш кунад сарфа
Ва ҳам маблағ
барои тӯҳфаву гардиш кунад сарфа.
Ҷуворӣ ҳар қадам афзун шавад савдо,
Аҷаб хушмазза онро мепазанд ин ҷо,
Ки ҳар ки хӯрд, ёдаш бурд,
Ва дар ёди ҷуворихои Истамбул
Ҳасрат хӯрд! Ҳасрат хӯрд!
Ҳасрат хӯрд!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ЧАКАН

***Дар Истамбул хабари ба рӯйхати феҳристи ЮНЕСКО ворид шудани чаканро шунида, дилам аз фараҳ саршор шуд***

Чакан – хушрангии
кору ҳаёти Тоҷикистон аст,
Чакан бедории дил,
покии номусу виҷдон аст.
Чакан – рангинии омолу армон,
ишқу ирфон аст,
Чакан як рукни
зебоипарастиҳои инсон аст.

Чакан ҳамчун забон
тоҷикро поянда медорад,
Чакан ҳамчун хирад
ирфони тоҷик зинда медорад.
Чакан ҳамчун замин
андар баҳорон гулшукуфон аст,
Чакан чун осмон
ояндаро пурханда медорад.

Чакан ранг аст,
ранги дилбариву ошноиҳо,
Чакан нур аст,
нури раҳкушоӣ, рушноиҳо.
Чакан меҳр аст,
меҳри хонаи ободи ҳар тоҷик,
Чакан ишқ аст,
ишқи ҷонгудозӣ, ғамзудоиҳо.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Чакан – ободии миллат,
чакан – озодии миллат,
Чакан – иқболу бахту
хуррамию шодии миллат.
Чакан ин рӯи сурхи мо,
чакан – дунёи сабзи мо,
Чакан ҳам ҳадяи миллат,
чакан ҳам ҳодии миллат.

Чаканро ҳар гулаш дарсест
баҳри қавми гулпарвар,
Чаканро офтобу
моҳтобаш нурбахшозар.
Чаканро ҳар ситора,
ҳар качак,
ҳар баргаку морак
Ҳазору як сухан гӯяд
ба ҳар инсони донишвар.

Чакан тоқу равоқи хонаҳоро
медиҳад оро,
Чакан тирезаву кошонаҳоро
медиҳад оро.
Чакан ишқу муҳаббат ҳасту
покиву садоқат ҳаст,
Ҳаёту умри чун афсонаҳоро
медиҳад оро.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ба ҳар кӯки чакан
милён ҳавас ҷо ҳаст,
медонӣ?
Ба ҳар кунгурааш
садҳо муаммо ҳаст,
медонӣ?
Ба ҳар шерозааш
ё косагулҳояш
ҳазор асрор,
Чакан дирӯзу имрӯз асту
фардо ҳаст,
медонӣ?



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## ХУШХАБАР

***Варзишгари ҷавони тоҷик
Сомонҷон Маҳмадбеков дар риштаи ҷудо
Ғолиби Ҷоми Осиё гардид***

Хушхабар омад,
ки Сомонҷони мо
дар шаҳри Гонконг
Дар талоши бозиҳои Осиёии ҷудо
Ғолиб омад!
Ман зи хурсандӣ задам бонг:
Офаринат бод, Сомон!
Кардаӣ, охир, сари моро баланд!
То осмон!!!
Ман зи Истамбул саломат мефиристам!
Ман зи Истамбул бигӯям
бар ҳазорон пушти ту раҳмат,
бародар!
Шаъну шони тоҷиконро
ҳамчу ту фарзандҳои поку
бономуси миллат
Карда бас машҳур андар баҳру бар!
Панҷ ангушти туро
бо фахр бояд кард тилоӣ!
Панҷсад пушти туро
бо фахр бояд кард тилоӣ!
Заррае нанги ватандорӣ
агар дорем,

Бар ту бояд
ҳайкали тилло гузорем!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Дар тамоми рӯи дунё
боз як бори дигар
Тоҷиконро
сарбаланду шод кардӣ,
шери нар!
Ман дигар дар кӯчаҳои
шаҳри Истамбул
қадам бебок мемонам,
Чун зи қавми паҳлавононам,
Мавлавихон!
Паҳлавидонам!
Аз авлоди Сомонам!
Сомонам!!!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## БУЛБУЛЕ ДАР ИСТАМБУЛ

Булбуле дар Истанбул – остони булбулҳо,
Он қадар занад чаҳ-чаҳ, доғдил шавад гулҳо.

Одамон вале ҳаргиз з-ӯ хабар намеёбанд,
Ғофиланд ин мардум, теғ дар тағофулҳо.

Чеҳра банди сад чора, халқ ҳар сӯ овора,
Омили ҳазор омол, оҳ аз ин таомулҳо.

Гил ҳама дил аст ин ҷо, гул ҳама дил аст ин ҷо,
Дил ба гил мубаддал бин, оҳ аз ин табодулҳо.

Қисме анҷуман саргум, қисме анҷуман анҷум,
Ҷумла меравад мардум ҷониби таҷаммулҳо.

Масти чаҳ-чаҳи булбул ҷони булбул аст, аммо
Дигарон ҳама ғофил, банди зулфу кокулҳо.

Дар Душанбе, ай булбул,
рав бихон чу Хайрандеш,
Об мешавад з-ин савт Исфаҳону Кобулҳо.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## МАСҶИДИ СУЛТОН СУЛАЙМОН

Масҷиди Султон Сулаймон
– масҷиди овозадор,
Дар баландии баланде
бошукӯҳу бовиқор.
Бошад он, алҳамдулиллоҳ,
масҷиди аҳли салоҳ,
Одамон дар рафтуо
дар роҳи он садҳо ҳазор.
Аввал аз дарвозаи масҷид
ба саҳни он шавӣ,
Саҳни масҷид аст
мақбулу писанду беғубор.
Вориди масҷид шавӣ пас
бо тавозуъ, бо салом,
Мерасад андар димоғат бӯи гулҳои баҳор.
Шаҳчароғаш мерасад аввал
ба чашмат даврашакл,
Давраи беҳад калони нурбахши нурбор.
Гунбазе ҳамчун фалак,
тоқу равоқаш бас баланд,
Санъати поку нафиси зиннату нақшу нигор.
Маърифат бардорӣ аз ҳар нақш,
гар дорӣ хирад,
То ба ҳар нақше нигаҳ созӣ
ба чашми эътибор.
Сақфи меҳробаш баланду
сақфи гунбад бар фалак,
Чор сӯ тоқу равоқу чор сӯ тирезазор.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Рӯ ба қибла менишинанд
аз дарун аҳли намоз,
Пушти меҳроб аст аз берун
аҷоиб як мазор.
Дар миён Султон Сулаймон хобу
андар ду тараф
Писарону духтарон хобанд,
ҳикмат бешумор.
Гар бароӣ аз мазору сӯи қибла бингарӣ,
Баҳри Мармар
тобад андар чашми ту
оинавор.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## МАСҶИДИ КАБУД

Аз ҳар канори баҳр аён Масҷиди Кабуд,
Боҳашмату базебу калон Масҷиди Кабуд.

Гӯянд низ масҷиди Султони Аҳмадаш,
Аз дасти ӯст баски нишон Масҷиди Кабуд.

Дар пешгоҳаш Аҳмаду авлоди ӯст хоб,
Дорад ҳазор рози ниҳон Масҷиди Кабуд.

Оянд то намозгузорон ба оғӯшаш,
Ширин диҳад баланд азон Масҷиди Кабуд.

Аз нақшҳош дидаву дил мекунад ҳузур,
Бахшад ҳузур низ ба ҷон Масҷиди Кабуд.

Тобад  Сафия рӯй ба рӯяш чи нозанин,
Бо шаш манор зеби ҷаҳон Масҷиди Кабуд.

Хайридино, ғубори раҳ афшон, сухан кунад
Баҳри ту бо ҳазор забон Масҷиди Кабуд.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## АЯ-СОФИЯ

Ая-София – як фарҳанги
нотакрори инсонист,
Ая-София – як эъҷози
меъморию ирфонист.
Ая-София – як осорхона
ҳаст бас нодир,
Нахустоғоз насрониву
фарҷомаш мусулмонист.

Дар ин ҷо ҳар ҳунар,
ҳар нақш
ҳаст эъҷози нотакрор,
Дар ин ҷо сад ҳазор афкор
мехонӣ ба як дидор.
Дар ин ҷо сад ҳазор адвор,
ҳар адвор сад асрор,
Дар ин ҷо сад ҳазор асрор
дорад ҳар дару девор.

Сутунҳо сангию нақшу нигор,
адворҳо сангӣ,
Замин сангӣ, забар сангӣ,
дару деворҳо сангӣ.
Ҳазор асрорҳо сангӣ
ба сад асрори сангосанг,
Ҳазорон кандакориҳо,
ҳазорон корҳо сангӣ.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Наёбӣ як вачаб ҷоро
ту бетасвиророй,
Наёбӣ як муамморо,
дар ин ҷо худ муаммой.
Набинӣ ҳеҷ деворе
ту бенақшеву берамзе,
Чӣ наққошӣ?!
Чӣ рассомӣ?!
Чӣ доной?!
Чӣ зебой?!

Дар ороиш, Худоё,
интихоби ранг беҳамтост,
Сиёҳу зард ё зарду сияҳ
равшан, фараҳафзост.
Кабуду зард, сабзу сурх
дар атрофу дар акноф,
Сиёҳу зардро аммо ба марказ
як ҷаҳон маъност.

Ба пешорӯ нигаҳ кун,
исми Аллоҳу паямбар бин,
Ба поёнтар нигаҳ кун,
ҳашмати меҳробу минбар бин.
Фурӯғи модару фарзандро
аз қибла дар кайҳон,
Шукӯҳи гунбади пурнақшро
пурзебу пурфар бин.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ая-София!
Рафтанд аз ҷаҳон
меъморҳои ту,
Иёре нест то имрӯз
дар меъёрҳои ту.
Тамоми мардуми дунё
чу дарё рафтуо доранд,
Куҷо донанд  асрори
ҳама осорҳои ту?!



бароu мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

# ТОП КАПИ

Зарвожаи Топ Капи, азизон,
Дарвозаи Кӯшкдор будаст.
Андар лаби баҳри Мармар ин кӯшк
Сарманшаи иқтидор будаст.

Аз Дарвоза касе дарояд,
Шахси дигаре шуда барояд.
Бояд, ки бубинад ин маҳалро,
Ҳар фард ба Туркия гар ояд.

Дар теппаи бас баланди зебо,
Дар соҳили Мармар аст ин кӯшк.
Сайёҳ ба чашми ақл бинад
Як олами дигар аст ин кӯшк.

Бинад, ки будаст як замоне
Бар Туркия шаҳҳканат аз ин ҷо.
Будаст ба соҳати калоне
Султонию салтанат аз ин ҷо.

Бинад ҳараму шаҳомати шоҳ,
Толору нишемани зиёде.
Оростаи ҳазор санъат,
Дунёи ҳазору як муроде.

З-ин ҷо ба масоҳати фиребо
Мармар чи қашанг менамояд.
Ду соҳили дилрабову зебо
Бинад ба чи ранг менамояд.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Ин ҷост аҷаб китобхона,
Ин ҷост аҷаб хату саводе.
Мондаст зи давраҳои пешин
Осору мавод аҷаб зиёде.

Шамшери Алӣ ба чашм бинад,
Ҳам косаи Ҳазрати Муҳаммад.
Ҳам боз дигар маводҳое
Билхосаи Ҳазрати Муҳаммад.

Сайёҳ ба чашми сар бубинад
Якчанд нишон зи чорёрон.
Машғули қироат аст шайхе
Пайваста зи сураҳои Қуръон.

Ҳам саллаи ҳазрати Юсуф ҳаст,
Ҳам тоқии он Халили Аллоҳ.
Ҳам ҳаст асои дасти Мӯсо,
Ганҷина ба умматони огоҳ.

Ин ҷост ҳазор сирру асрор
Аз ҳашмати давраҳои пешин.
Ман садяки он ба ту нагуфтам,
Худ ою ба чашми хештан бин.

Девори баланди он ба атроф
Дорад ҳашаму шаҳомати хос.
Туркия аз ин маҳал ба дунё
Бархоста буд ба қомати хос.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## ХУДО ХОҲАД

Худо хоҳад агар,
бояд равам имрӯз Кония,
Бувад он
беш аз шашсад километр
аз Стамбул дур.
Зиёрат меравам
он Мавлавӣ,
он пири Балхиро,
Ки то руҳам шавад орому
то қалбам шавад масрур.

Худо хоҳад агар,
бояд равам имрӯз Кония,
Зи меҳмонхона як дам пас
ба нийят мебароям роҳ.
Агар як раҳнамо ёбам,
бигӯям шукр садҳо бор,
Наёбам,
раҳнамои беҳтарин
бошад маро Аллоҳ!

Худо хоҳад агар,
бояд равам имрӯз Кония,
Талаб дорам дар ин роҳи сафар
аз Ҳақ амониҳо.

Намедонам забони туркӣ,
аммо шайхи Мавлоно
Бигӯяд ҳамдилӣ беҳтар бувад
аз ҳамзабониҳо.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Худо хоҳад агар,
бояд равам имрӯз Кония,
Кушоиш деҳ, Худоё,
то расам бар мақсади некам.
Ба пурсиш Маккаву Мадинаро,
гӯянд, меёбанд,
Бипурсам роҳи терминол
аз он ғамхори ӯзбекам.

Худо хоҳад агар,
бояд равам имрӯз Кония,
Маконе, к-он ҳидоятгар
ба сӯи Ломакон дорад.
Бибӯям даргаҳашрову
бибӯям остонашро,
Хабар аз розҳои
ин замину осмон дорад.

Худо хоҳад агар, бояд равам имрӯз Кония!



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## ЯК ШАБ ДАР РОҲ

Шабонгаҳ соати нуҳ
man зи Истамбул сафар кардам
Дар автобуси берун сап-сафеду
дохилаш суп-сурх.
Мадад, Мири Ҳамадон,
Ҳазрати Султон, шафоат бахш,
Ҳидоят кун,
ки Мавлонозиёрат меравам,
ё Бурх!

Дар аввал об доданду
пасонтар қаҳва оварданд,
Аҷаб хизматрасониҳо,
ки инсон мекунад роҳат.
Ҳар одам тилвизион дораду
атроф афсона,
Мусофирро ба чашмаш ҳеҷ тобад
нуҳу ним соат.

Сари ҳар лаҳза мепурсанд
аз вазъу зи аҳволат,
Сари ҳар вакт меоранд
қаҳва, чой ё шарбат.
Ва ё шириние,
то андаке гардӣ ту ширинком.
Аз ин беҳ мешавад иззат?
Аз ин беҳ мешавад ҳурмат?

Шабона чанд шаҳреро гузаштем,
ин чи тақдире?!
Шаби афсонавии Анқара
эъҷози дигар дошт.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Агарчи дида буд парвозҳое
пеш аз ин бисёр,
Дили ман дар фазои синаам
парвози дигар дошт.

Гузаштем, инчунин,
аз дашту саҳроҳои тип-торик.
Раҳи ман лек равшан буд
бо ашъори Мавлоно.
Зиёрат офтоби фазлро
мерафт ин зарра,
Ба сар танҳо ҳавои
дидани дидори Мавлоно.

Ба Кония расидем,
осмон бар ханда моил шуд,
Зи автобус бурун гаштам,
азони субҳро доданд.
Фазои Кония мекард
бӯи шеъри Мавлоно,
Худоё,
одамони ин макон
беҳад Худододанд!

Зи худ ворастам,
андар таксие дарҳол биншастам.
Ҳамин буд, охир, уммедам!
Ҳамин буд, охир, армонам!
Дилам бисёр хоҳиш дошт,
дар шаҳри саропо нур
Намози субҳро
дар даргаҳи Мавлои Рум хонам!



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## КОНИЯ

Дар Кония мезанам қадам оҳиста,
Оҳиста, вале ҳар қадамам дониста.

Шаҳрест калону муҳташам, рахшанда,
Бар зиндадилон ҷони дигар бахшанда.

Дидори хушу қашанг дорад ин шаҳр,
Гулҳои ҳазорранг дорад ин шаҳр.

Як сӯ ҳама теппазор, як сӯ ҳама дашт,
Ҳар самт хиёбону ҳазорон гулгашт.

Бас гумбазу бас манори хуштарҳу баланд,
Фарҳанги асилу хосу ирфонпайванд.

Озодаву беназир, шаҳри гулу дил,
Дил кандан аз ин шаҳр бувад бас мушкил.

Аз Кония бӯи Мавлавӣ меояд,
Аз Кония бӯи Маснавӣ меояд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ЗИЁРАТ

Ассалом, эй дар сухан, дар шеър, дар ирфон қавӣ,
Ман зиёрат омадам бар даргаҳат, эй Мавлавӣ.

Сад салом овардамат аз халқи болооби Вахш,
Аз диёри сабзи аҷдодон, ки хуррамдил шавӣ.

Ас-салом, эй шӯрдардил, шӯрдарҷон, марди Ҳақ,
Ҳуши ту бар савти най, шояд саломам нашнавӣ.

Маст мардум ҳамчу ман аз се китоби муътабар:
«Фиҳӣ-мо-фиҳӣ»-ву «Девони Кабир»-у «Маснавӣ».

Нест ин ҷо муслиму кофар, ҳама ҳамҷону дил,
Ҷумла инсон баҳравар яксар зи файзи маънавӣ.

Аҳли динҳои ҷаҳон гирён ба гирди марқадат,
Бутпарасту аҳли Зардушт, исавиву мӯсавӣ.

Гар  ба Хайрандеш ҳам гарде зи домонат расад,
Ҳикмати Қуръон бигӯяд бо забони паҳлавӣ.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## САҶДА

Саҷда кардам замину ашкам рехт,
Чун расидам ба хоки Мавлоно.
Хондам аввал намози субҳу сипас
Дар ҳақи рӯҳи поки Мавлоно.

Боз хондам намоз баҳри савоб
Дар ҳақи чор пир, чор тадбир.
Дар ҳақи солеҳони бигзашта,
Дар ҳақи рафтагони хурду кабир.

Дар ҳақи хешҳову пайвандон,
Дар ҳақи аҳли хонадони хеш.
Дар ҳақи ҳар ки ҳаст инсондӯст,
Дар ҳақи ҳар ки ҳаст хайрандеш.

Дар ҳақи аҳли фазл, аҳли қалам,
Дар ҳақи кулли шоирони ватан.
Дар ҳақи дӯстони фейсбукӣ,
Дар ҳақи ҳар ки ҳаст масти сухан.

Дар ҳақи Пешвои равшанҷон,
Дар ҳақи халқи Тоҷикистонам.
Дар ҳақи амну пешрафти мулк,
Дар ҳақи миллати мусулмонам.

Хонда ду рукъативу бахшидам,
Рӯ ба рӯи мазори Мавлоно.
Саҷдаҳои маро иҷобат кун,
Эй Худованди Холиқу Доно!



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## НОЛАИ НАЙ

Бишнав аз най нолаҳои ҷонгудоз,
Аз ҷудоиҳо ба садҳо сӯзу соз.

Қиблаи Кония Мавлонои мост,
Яъне, андар Кония
дар қибла ҷост.
Паҳлӯи як масҷиди овозадор:
Гунбазе дорад калону ду манор.
Дар назар оромгоҳи Мавлавӣ
Ҷонфазо чун «Маснавии маънавӣ».
Баски ҳаст амсоли «Девони кабир»
Бошаҳомат, босалобат, беназир.
Гунбазе равшан,
ду қубба, як манор,
Лек маъниҳост дар он бешумор.
Як манори дигаре дорад кабуд,
Зери он хоб аст хориқ-ул-вуҷуд.
Зери он хоб аст Мавлонои Балх,
Он ҳакими Рум, он донои Балх.

Бишнав аз най нолаҳои ҷонгудоз
Аз ҷудоиҳо ба садҳо сӯзу соз.

Вориди даргоҳ мегардӣ хамӯш,
Нолаи най мерасад аввал ба гӯш.

Нолае, к-ӯ қалбро ромиш диҳад,
Рӯҳро эҳсоси оромиш диҳад.
Нолае, к-ӯ ҳушро аз сар барад,
Мағзро ҳамвора дар шӯр оварад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Нолае бо сад ҳазор асрору роз,
Ақлшӯрангез, аммо дилнавоз.
Нолае рахшанда ҳамчун коинот,
Нобу ҷонбахшанда чун оби ҳаёт.
Нолае пасту ҷигарталху маҳин,
Созу рози осмонҳову замин.
Ҳар куҷое меравӣ дар ин макон,
Мерасад пайваста
андар гӯши ҷон.

Бишнав аз най нолаҳои ҷонгудоз
Аз ҷудоиҳо ба садҳо сӯзу соз.

Мақбара чун медарой бо салом,
Бо тавозуъҳову бо сад эҳтиром
Дарзамон гардӣ ба сӯи дасти рост,
Чунки он сӯ манзили ёри Худост.
Аз даре дигар дарой, чанд гӯр
Медиҳанд аввал
ба чашмони ту нур.
Ин ҳама шогирдҳои Ҳазратанд,
Дӯстони бовафои Ҳазратанд.
Дар бари боло ба садҳо эътибор
Гӯри Мавлоно баланду бовиқор,
Чанд гӯри дигаре андар бараш,
Ҳамчунон дурдонаҳо
ё гавҳараш.
Медурахшад он ҳакими роздон
Ҳамчу моҳе дар миёни ахтарон.

Бишнав аз най нолаҳои ҷонгудоз
Аз ҷудоиҳо ба садҳо сӯзу соз.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Гӯиё инҳо каромат мекунанд,
Ҷумла сарҷамъанду
суҳбат мекунанд.
Бо ҳазорон розу созу созу роз,
Синаҳо пуршӯру дилҳо пургудоз.
Гуиё мастанд бо савти само,
Маст мерақсанд бо савти само.
Ногаҳон он пир, он донои пок
Сад ҳазор асрор дар дил, синачок
Ҳамчунон сайёра
гардон мешавад,
Офтоби покмардон мешавад.
Чарх мегардад самову ҳам замин,
Чарх мегардад ҳама чархи барин.
Гӯиё ин гунбади болои сар
Чархи дар чарх аст
гардон дар назар.

Бишнав аз най нолаҳои ҷонгудоз
Аз ҷудоиҳо ба садҳо сӯзу соз.

Чун ба чап толори дигар меравӣ,
Воқиф аз асрори дигар мешавӣ.
Чанд Қуръоне бубинӣ з-он замон,
Хушхату хушнақш,
хурду ҳам калон.
Ганҷҳои дигаре, ҷонпарваре,
Як тамошояш бас имонпарваре.
«Фиҳи мо фиҳӣ»-ву
«Девони кабир»,
«Маснавии маънавӣ» и беназир.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Се кулоҳи хоси Мавлоно сафед,
Ҷуббаи суфии он доно сафед.
Ҷуббаи сурхе ҳам аз Мавло нишон,
Рӯймоле ҳамчу рӯмоли миён.
Нуқрагин сандуқчае ҳам
з-он ҳаким
Монда меросест чун дурри ятим.

Бишнав аз най нолаҳои ҷонгудоз
Аз ҷудоиҳо ба садҳо сӯзу соз.

Зери он гунбад, ки Мавлоност хоб,
Саҷдагоҳе низ ҳаст оличаноб.
Қибла он самтест, Мавло хоб ҳаст,
Рӯ ба рӯи қибла он афтоб ҳаст.
Низ он самтанд шогирдони ӯ,
Он дурахшонпораҳои ҷони ӯ.
Марҳамат, хоҳӣ, намозатро бихон,
Саҷдаи розу ниёзатро бихон.
Баҳри занҳо низ бошад саҷдагоҳ,
Дар қафо,
яъне, ки аз мардон паноҳ.
Ҳар қадам ин ҷост як дунё сабақ,
Ҳар ки хоҳад,
саҷда меорад ба Ҳақ.
Дар ҳамин ҷо
қалбу дида ғарқи хун,
Саҷдаҳову
тавбаҳо кардам фузун.

Башнав аз най нолаҳои ҷонгудоз
Аз ҷудоиҳо ба садҳо сӯзу соз.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Гирд-гирди
макбара ҳам қабрҳост,
Ҳар яке як бандаи поки Худост.
Ҳар яке дар ҷодаи ҳикмат қавӣ,
Ҳар кадоме пайравони Мавлавӣ.
Пешгоҳи мақбара бас ҳуҷраҳо,
Ҳуҷраҳои камназиру бебаҳо.
Балки дар ин ҳуҷраҳо
з-асрори Ҳақ
Дод Мавлоно ба шогирдон сабақ.
Ҳолиё ҳар ҳуҷраи он бегумон
Гаштааст осорхона з-он замон.
З-ин миён дар ҳуҷрае гардӣ балад
Бо ҳаёти ҳазрати Султон Валад.

Ҳуҷраҳои қуббадори барбабар
Медиҳанд аз шӯри Мавлоно хабар.

Бишнав аз най нолаҳои ҷонгудоз
Аз ҷудоиҳо ба садҳо сӯзу соз.

Най кунад ҳар лаҳза афғони дигар,
Най ба ҷисмат медиҳад
ҷони дигар.
Най ба нола, нолаҳояш беғаш аст,
Най саропо сӯзу соз аст, оташ аст.
Най паёме аз Худои Ломакон,
Най саломе аз нишони бенишон.
Най фироқе аз найистони вуҷуд,
Най фиғоне аз ҳама буду набуд.
Най шаробе мардафкан, сахткуш,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Най дили аҳли самоъ орад ба ҷӯш.
Най хазони орифони даргузар,
Най баҳори ҷодаҳои гулбасар.
Най найобод аст бо найнолаҳо,
Нолаҳои садҳазоронсолаҳо.

Бишнав аз най нолаҳои ҷонгудоз,
Аз ҷудоиҳо ба садҳо сӯзу соз.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## ШАБИ АНҚАРА

Ҳар касе аз Анқара як шаб гузар созад агар,
Пеши рӯяш мешавад эъҷози дунё ҷилвагар.

Дар фарози ҳар баландӣ ахтари иқболи халқ
Бо ҳазору як дизайн истода ҳамраҳ бо қамар.

Олами пастобаландиҳои шаҳр афсона ҳаст,
Мекунад ҳар манзара дар ҷисму дар ҷонат асар.

Ҳар қадар хоҳӣ назар созӣ ба чор атроф, лек
Боз меафтад ягон эъҷоз аз мадди назар.

Дар ҷаҳон бисёр дидам шаҳрҳои нозанин,
Лек мафтун ҳеҷ бар шаҳре нагаштам ин қадар.

Бар забарҳо чашм духтам гоҳу  гаҳ бар зерҳо,
Зер аҷаб обод ҳаст ин ҷо, забар ободтар.

Дид Хайрандешу лутфе кард, к-андар Анқара
Тобиши мусбат бигирад маънии зеру забар.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## ТУРКИЯ

Як моҳу як ситораву
милён ҳазор нанг,
Як моҳу як ситораву
милён ҳазор ор.
Як моҳу як ситораву
милён ҳазор ранг,
Як моҳу як ситораву
милён ҳазор кор.

Як моҳу як ситораву
милён ҳазор фикр,
Як моҳу як ситораву
милён ҳазор фаҳм.
Як моҳу як ситораву
милён ҳазор зикр,
Як моҳу як ситораву
милён ҳазор саҳм.

Як моҳу як ситораву
милён ҳазор фавт,
Як моҳу як ситораву
милён ҳазор фарз.
Як моҳу як ситораву
милён ҳазор савт,
Як моҳу як ситораву
милён ҳазор арз.

Як моҳу як ситораву
милён ҳазор меҳр,
Як моҳу як ситораву
милён ҳазор хашм.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Як моҳу як ситораву
милён ҳазор сеҳр,
Як моҳу як ситораву
милён ҳазор чашм.

Як моҳу як ситораву
милён ҳазор ашк,
Як моҳу як ситораву
милён ҳазор ишқ.
Як моҳу як ситораву
милён ҳазор рашк,
Як моҳу як ситораву
милён ҳазор ризқ.

Як моҳу як ситораву
милён ҳазор атр,
Як моҳу як ситораву
милён ҳазор бӯ.
Як моҳу як ситораву
милён ҳазор сатр,
Як моҳу як ситораву
милён ҳазор хӯ.

Як моҳу як ситораву
милён ҳазор дил,
Як моҳу як ситораву
милён ҳазор ақл.
Як моҳу як ситораву
милён ҳазор мил,
Як моҳу як ситораву
милён ҳазор нақл.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Як моҳу як ситораву
милён ҳазор шаб,
Як моҳу як ситораву
милён ҳазор рӯз..
Як моҳу як ситораву
милён ҳазор таб,
Як моҳу як ситораву
милён ҳазор сӯз.

Як моҳу як ситораву
милён ҳазор суд,
Як моҳу як ситораву
милён ҳазор сад.
Як моҳу як ситораву
милён ҳазор руд,
Як моҳу як ситораву
милён ҳазор рад.

Як моҳу як ситораву
милён ҳазор гап,
Як моҳу як ситораву
милён ҳазор хост.
Як моҳу як ситораву
милён ҳазор чап,
Як моҳу як ситораву
милён ҳазор рост.

Як моҳу як ситораву
милён ҳазор ёд,
Як моҳу як ситораву
милён ҳазор рӯҳ.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Як моҳу як ситораву
милён ҳазор бод,
Як моҳу як ситораву
милён ҳазор кӯҳ.

Як моҳу як ситораву
милён ҳазор рахт,
Як моҳу як ситораву
милён ҳазор банд.
Як моҳу як ситораву
милён ҳазор бахт,
Як моҳу як ситораву
милён ҳазор панд.

Як моҳу як ситораву
милён ҳазор боғ,
Як моҳу як ситораву
милён ҳазор май.
Як моҳу як ситораву
милён ҳазор доғ,
Як моҳу як ситораву
милён ҳазор най.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## БОЗГАШТ

Нолаи най маст кард ин ҷони ман,
Дар сафар з-аввал маро ҳамроҳ буд.
Аз фироқи Мавлавӣ андар дилам
Сӯз буду доғбуду оҳ буд.

Гарчи мегаштам лаби баҳри кабуд,
Мешудам гоҳе ба киштиҳо савор.
Сайр мекардам ба Истамбул, вале
Ёди Мавлоно ба дил мезад шарор.

Рӯҳи Мавлоно мададгорам, ки шуд,
Кард Истамбул пазирой ба ҷон.
Варна Истамбул  куҷову ман куҷо?
Роҳро низ дод Истамбул нишон.

Роҳи Кония набуд наздик агар,
Рӯҳи Мавлоно мададгорам бишуд.
Дар назар ҳар соате, ҳар лаҳзае
Рӯи Мавлоно падидорам бишуд.

Дар фурудгоҳ ашкҳоям шаш қатор,
Гиряҳоям дардолуд омадаст.
Нолаи най талхтар дорад садо,
Вақти ҳиҷрон, вақти падруд омадаст.

Хайр, Истамбул, ки дар майдон маро
Ҳаст Сомон-Айр бо меҳр интизор.
Кӯдаконам ташнаи дидори ман,
Чор чашму қалбашон оинавор.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Эй Душанбе, шаҳри Мавлонопараст,
Бе ту ман ҳеҷам дар ин дунё, бидон.
Меравам аз даргаҳаш бар даргаҳат,
Рӯҳи Мавлоност бо ман ҷовидон!




*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## ФЕҲРИСТ


Парвоз ........................................................................ 3
Истамбул ...................................................................... 5
Албатрос ...................................................................... 6
Шаҳр пур зи албатрос ...................................................... 7
Акрам .......................................................................... 8
Лалели ......................................................................... 10
Чойхонаи Хонатлас .......................................................... 12
Ҳар саҳар ..................................................................... 13
Баҳри Мармар ................................................................ 14
Киштисаворӣ ................................................................ 15
Босфор ........................................................................ 16
Бомнишинӣ ................................................................... 18
Сангчинӣ ..................................................................... 19
Ҷуворӣ ........................................................................ 20
Чакан .......................................................................... 21
Хушхабар ..................................................................... 24
Булбуле дар Истамбул ...................................................... 26
Масҷиди Султон Сулаймон ................................................ 27
Масҷиди кабуд .............................................................. 29
Ая-София ..................................................................... 30
Топ капи ...................................................................... 33
Худо хоҳад .................................................................... 35
Як шаб дар роҳ .............................................................. 37
Кония .......................................................................... 39
Зиёрат ......................................................................... 40
Саҷда .......................................................................... 41
Нолаи най ..................................................................... 42
Шаби Анқара ................................................................. 48
Туркия ......................................................................... 49
Бозгашт ....................................................................... 53